# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Насимҷон Ҳамробоев «Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои У111-Х1Х (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз ихтисоси 10.02.14 - Адабиёти классикӣ, филологияи араб ва юнонӣ.**

Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи тарҷума ва наҳзати тарҷумонӣ дар марҳилаҳои аввали инкишофи адабиёти форсии тоҷикӣ аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносӣ ва ховаршиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ суннати тарҷума ва тарҷимонӣ аз ҷумлаи шеваҳои муҳимми таъсирпазирӣ ва равобити адабӣ шинохта мешавад. Омӯзиши мавзӯи мазкур, хосса дар мароҳили оғозини адабиёти форсии тоҷикӣ имкони бештар фароҳам меорад, то ки таърихи ташаккул ва инкишофи адабиёт ба таври воқеӣ тасаввур карда шавад. Зеро дар ин давра мероси адабии форсии тоҷикӣ бештар аз забонҳои то исломӣ ба забони арабӣ ва баъдан аз забони арабӣ ба форсии тоҷикӣ пайваста тарҷума мешуд ва ба ҳамин васила осори зиёде умри дубора пайдо карда, аз хатари нобудшавӣ бар асари ҳаводиси рӯзгор эмин монд.

Рисолаи Насимҷон Ҳамробоев маҳз ба таҳқиқу баррасии фарогир ва пурдоманаи ҳамин масъала ихтисос дода шудааст, ки он дар омӯзиш ва шинохти мукаммали таърихи адабиёти тоҷикии асрҳои У111-Х1Х гоми шоиста мебошад. Дар рисолаи мазкур , ки «Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои У111-Х1Х (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ)» унвон дорад, ду давраи хеле муҳими наҳзати тарҷума дар таърихи адабиёти мо ба таҳқиқ омадааст. Зеро воқеан, дар асрҳои У111-Х як силсила осори муҳиму мондагори адабиёти қадим бо ҳиммати аҳли тарҷума ба забони арабӣ баргардон шуда буд, ки онҳо дар қарнҳои баъдӣ ба форсӣ аз нав тарҷума шуданд ва дар ғановати адабиёти классикии форсии тоҷикӣ нақши муҳим бозидаанд.

Насимҷон Ҳамробоев рисолаи мавриди назарро дар заминаи омӯзиши маводи фаровони адабӣ, намунаҳои тарҷумаи арабию форсии онҳо таълиф намудааст, ки он имкон медиҳад, арзишу аҳамият ва нақши тарҷумаро дар инкишофи адабиёти форсии тоҷикӣ ба пуррагӣ тасаввур намоем. Дар рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омилҳои зуҳур ва ривоҷи наҳзати тарҷума дар адабиёти форсии тоҷикӣ, заминаҳои инкишофи мактабҳои тарҷумонӣ, нақши тарҷума дар инкишофи

адабиёт дар аҳди Сомониён, пайдоиш ва инкишофи анвои насри форсӣ барин масоили бунёдии таърихи адабиёт ба маърази баррасии илмӣ ва пажуҳишӣ кашида шавад.

Навгонии илмии пажӯҳиши мазкур боз дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар адабиётшиносии тоҷикӣ бори нахуст заминаҳои пайдоиши тарҷума, омилҳои ташаккул ва марҳилаҳои нахустини ривоҷи онро ба таври комил ба таҳқиқ мегирад. Дар рисола тарҷума ҳамчун омили муҳими инкишофи адабиёт дар аҳди Сомониён ва Ғазнавиён баррасӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки дар қаламрави забони форсии тоҷикӣ суннати тарҷума ва тарҷумонӣ таърихи қадима дошт. Ин ҳаракат ҳанӯз дар давраҳои қабл аз исломӣ зуҳур намуда, дар ғановати адабу фарҳанги халқҳои ҳамҷовар нақши муҳим гузоштааст. Зуҳури осори муҳиму мондагоре мисли «Калима ва Димна», «Худойнома», «Синдбоднома», «Вис ва Ромин», «Тӯтинома», «Искандарнома» ва ғайра далели равшани ин гуфтаҳост. Чунки дар он давра тарҷума муҳимтарин василаи доду ситади адабию фарҳангӣ ва умуман гуфтугӯи тамаддунҳо маҳсуб мешуд. Ин ва масоили дигари марбути ривоҷи наҳзати тарҷума дар адабиёти форсии тоҷикии асри У111-Х1У дар рисолаи Насимҷон Ҳамробоев дар чаҳор боби алоҳида муфассал баррасӣ мешавад, ки маҳсули заҳмати чандинсолаи муаллиф ва ковишу ҷустуҷӯҳои босамари илмию пажӯҳишии вай мебошад.

Дар боби аввали рисола муаллиф масоили назарӣ ва нақшу мақоми тарҷумаро дар инкишофи адабиёту фарҳанг ва маънавиёти халқҳои гуногун баррасӣ менамояд. Ин ҷо таъкид мешавад, ки худи мафҳуми тарҷума ва тарҷумонӣ дар Эрони қабл аз исломӣ таърихи беш аз сеҳазорсола дорад, ки ин далели равшани мақому ҷойгоҳи хосси ин раванди адабӣ дар таърихи адабиёт аст. Ҳарчанд ки ин мафҳум дар қарнҳои баъдӣ мафҳуми истилоҳӣ ва таърифи илмии худро пайдо намуд.

Боби дуюми рисолаи Насимҷон Ҳамробоев асосан ба таҳқиқи ривоҷи ҳаракати тарҷума дар давраи баъд аз зуҳури ислом ихтисос дода шудааст. Вай таъкид менамояд, ки ворид сохтани арзишҳои миллии эронӣ ба саҳнаи тамаддуни исломӣ дар ин давра, аз ҷумлаи омилҳои муҳимми ҳифзу идомаи мероси адабии қабл аз исломӣ буд. Аз ин роҳ, метавон ба нақши эрониён дар рушди фарҳанги исломӣ дар марҳилаҳои оғозин баҳои воқеӣ дод. Зеро аз аҳди хилофоти Уммавиён сар карда, наҳзати тарҷума дар ривоҷи равобити адабию фарҳангии Арабу Аҷам

накши муҳим пайдо кард. Баъдан, дар аҳди Аббосиён ин ҳаракат ба як суннати бобарор ва мудавоми адабӣ табдил ёфт, ки дар натиҷа на танҳо тарҷумонҳои чирадаст, балки дар каламрави фарҳанги исломӣ мактабҳои муҳими тарҷумонӣ ба вуҷуд омаданд. Тибқи ишораи муаллифи рисола дар аҳди хилофоти Аббосиҳо ҳаракати тарҷума дар чанд марҳила ҷараён мегирад, чунки давлатмардону сарватмандони Аббосӣ аз ин кӯшишҳои аҳли адабу фарҳанг дастгирӣ ва пуштибонӣ мекарданд.

Бахши муҳими рисолаи Насимҷон Ҳамробоев ба таҳқиқу баррасии тарҷума дар асрҳои Х-Х1У бахшида шудааст, ки он бесабаб нест, зеро маҳз дар ҳамин давра осори зиёде дар риштаҳои гуногуни илм ва адабиёт аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуданд. Гузашта аз ин, наҳзати тарҷума дар аҳди Сомониён ва Ғазнавиён натанҳо ба рушди мазмун ва анвои жанрии адабиёт таъсири амиқ расонид, балки дар ташаккули забони форсии тоҷикӣ ҳаҷун забони илм ва адабиёт накши муҳим гузошт. Насимҷон Ҳамробоев дуруст таъкид менамояд: «Ба ҳайси нахустин намунаҳои анвои мухталифи насри форсӣ-тоҷикӣ эътироф шудани аксари осори тарҷумашуда дар он даврон аз мақом ва аҳамияти бузурги ҳаракати тарҷума дар ташаккул ва рушди забону адабиёт ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳад».

Ба таври куллӣ дар рисолаи Насимҷон Ҳамробоев накшу мақоми тарҷуима дар инкишофи адабиёти форсии тоҷикии асрҳои У111-Х1У ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ бо такя ба андешаҳои назарии донишмандони соҳаи тарҷумашиносӣ, ховаршиносон ва муҳаққиқони таърихи адабиёти форсиии тоҷикӣ ба хулосаҳо ва натиҷагириҳои муҳими илмӣ мерасад. Бисёре аз натиҷагириҳои илмии Насимҷон Ҳамробоев барои омӯзиш ва таҳқиқотҳои минбаъда сари мавзӯи тарҷума роҳ мекушоянд. Аз тарафи дигар, рисолаи мазкур таҳқиқоти комилу фарогир буда, ҷӯстуҷӯҳои илмии дар ин замина анҷомшударо ҷамъбаст менамояд.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар рисола баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасад:

1. Дар муқаддимаи рисола ба таҳқиқотҳои олимону ховаршиносони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Донишмандони тоҷик дар заминаи назарияву амалия ва таърихи тарҷумаи бадеӣ корҳои зиёди шоистаеро анҷом доданд, ки онҳоро наметавон сарфи назар кард.

2. Дар бахши навгониҳои илмии рисола дастовардҳои худи муаллиф, ки дар бобҳою бахшҳои рисола хеле зиёданд, ба пуррагӣ баён нашудаанд.

Ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи Насимҷон Ҳамробоевро кам намесозанд. Рисолаи мазкур таҳқиқоти комилу бунёдӣ ва фарогиру баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология мебошад.


Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ                    Солеҳов Ш. А.

Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ                    Назаров Д.

Суроғаи электронӣ:
E-mail: soleh59@mail.ru
Тел.: +992 (37) 221-03-89; 987-65-00-43


7.09.2019.